**Маълумотномаи**
**асосноккунии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«Дар бораи консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ»**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (минбаъд лоиҳаи Қонун) дар асоси сархати шонздаҳуми қисми 3 параграфи 5.4 боби 5 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ва банди 81 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №168 тасдиқ гардидааст аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи Қонун таҷдиди назар намудани қонунгузорӣ оид ба консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ барои истифодаи васеи механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва консессияҳо дар доираи як қонун мебошад.

Тибқи лоиҳаи мазкур заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ такмил дода шуда, ҷиҳати рушди минбаъдаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ механизмҳои нави дастгирии давлатӣ ва кафолатҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешбинӣ карда шуда, расмиёти пешниҳод ва тасдиқи лоиҳаҳо содда гардонида шудааст.

Лоиҳаи Қонуни мазкур бо назардошти таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои Осиё ҷиҳати татбиқи самараноки механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба ҳамгироии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Дар бораи консессияҳо» равона шудааст.

Лоиҳаи Қонун аз 7 боб ва 49 модда иборат буда, бобҳои лоиҳаи Қонун фарогири масъалаҳои идоракунии давлатӣ дар самти фаъолияти консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиб ва шартҳои ба бахши хусусӣ додани объектҳои консессионӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ, созишномаи консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷонибҳои созишномаи консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, инчунин дастгирии давлатӣ ва кафолатҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешбинӣ шудааст.

Дар боби 1 (муқаррароти умумӣ) доираи амали Қонун, мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории ҷумҳурӣ дар бораи консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, принсипҳои фаъолияти консессионӣ ва шарикии давлат ва

бахши хусусӣ ва шаклҳои татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ овард шудааст.

Боби 2 механизмҳои институтсионалии консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои Шуро ва комиссияи байниидоравӣ оид ба консессияҳо, шарикӣ бо бахши хусусӣ, ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти марказӣ ва маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (ташкилоти фармоишгар)-ро шарҳ медиҳад.

Дар боби 3 тартиб ва шартҳои ба бахши хусусӣ додани объектҳои консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян шудааст, аз ҷумла таҳияи пешниҳодҳои консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шарики хусусӣ вобаста ба лоиҳаҳои консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби додани объектҳои консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, яъне тавассути гузаронидани озмун ва ё бе баргузории озмун тибқи гуфтушуниди мустақим, омодасозии ҳуҷҷатҳои озмунӣ, интихоби пешакӣ ва интихоби ғолиби озмун, ҳолатҳои беэътибор донистани озмун, инчунин муқаррарот вобаста ба маҳфуз нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо ва таъсиси шахси ҳуқуқии бахши хусусӣ.

Боби 4 тамоми масъалаҳоро вобаста ба созишномаи консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз ҷумла муҳлати амали созишнома, тарзи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба созишнома, бекор кардан ва беэътибор донистани он, ҷуброн ҳангоми бекор кардан, гузашт кардани ҳуқуқу ухдадориҳо аз рӯи созишнома ва дигар масъалаҳо оид ба механизмҳои молиявию таъминотиро дар бар мегирад.

Дар боби 5 ҷонибҳои созишномаи консессионӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ҳуқуқу ухдадориҳои онҳо муайян гардидааст.

Боби 6 шаклҳои дастгирии давлатӣ ва кафолатҳои шарикии давлат ба бахши хусусӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ ва ҷалби онҳо барои татбиқи лоиҳаҳои консессионӣ, шарикӣ пешбинӣ менамояд.

Ҳамзамон, тибқи таҷрибаи дигар давлатҳо дастгирии давлатии молиявӣ баҳри татбиқи лоиҳаҳои консессионӣ ва шарикӣ аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, грантҳо, субсидияҳои давлатӣ, имтиёзҳои фискалӣ, дастгирии ҳуқуқӣ ба монанди додани ҳуқуқ барои ба даст овардани даромад тавассути гирифтани ҳаққи хизматрасонӣ аз дигар намуди фаъолият, додани сервитут ба объектҳои амволи манқул ва ғайриманқули дар моликияти ҷумҳуриявӣ ё коммуналӣ қарордошта, додани ҳуқуқҳои истисноӣ ба фаъолияти дар доираи созишнома, инчунин кафолатҳои давлатӣ, аз қабили дахолат накардан аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ба фаъолияти иқтисодии шарики хусусӣ, манъи хусусигардонии объекти шарикӣ, ҳуқуқҳо ба озодона соҳибӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ намудани сармоя, рӯёнидани зарар, таҷдиди назар (иваз) кардани шартҳои созишнома ва ё пеш аз муҳлат қатъ

намудани созишнома ва гирифтани зарари расонидашуда ва нисбат ба фаъолияти бахши хусусии амаликунандаи лоиҳаи консессинӣ, шарики давлат ва бахши хусусӣ татбиқ нагардидани тағйиротҳои қонунгузорӣ, пешбинӣ гардидааст.

Иловатан, дар ин боб муқаррарот вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳои қарздиҳандагон, аз ҷумла кафолати ҳуқуқи онҳо дар ҳолати қабл аз муҳлат бекор гардидани созишнома, пешниҳоди таъминот ба қарздиҳандагон тавасути додани ҳуқуқҳои вобаста ба созишномаи консессияонӣ, шарики давлат ва бахши хусусӣ, ҳуқуқҳо ва активҳои ба лоиҳаҳои зикршудаи дахлдор, ба гарав гузоштани саҳмияҳо, додани ҳуқуқҳо, даромадҳо ва пардохтҳо тибқи созишнома пардохтшаванда ва ғайра.

Дар боби 7 (муқаррароти хотимавӣ) тартиби баррасии баҳсҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонун, аз эътибор соқит донистани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» ва «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур пешниҳод карда шудааст.

Боиси қайд аст, ки масъалаҳои вобаста ба дастгирии давлатӣ ва кафолатҳо ба шарики хусусӣ ва қарздиҳандагон, таъсиси комиссияи байниидоравӣ оид ба консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва расмиёти содда намудани пешниҳоди лоиҳаҳо дар Қонуни амалкунанда пешбинӣ нашудаанд ва ҷорӣ гардидани онҳо ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи бахши хусусӣ ба иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, дар лоиҳа муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Дар бораи консессияҳо» муттаҳид карда шуд. Бояд қайд кард, ки дар давлатҳои Албания, Грузия ва Македония низ қонунгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва консессияҳо муттаҳид карда шуда, механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва консессияҳо дар доираи як қонун ба танзим даровarda шудааст. Консессия яке аз шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳисобида мешавад, бинобар ин ба танзим даровардани муносибатҳои консессионӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар доираи як санад мувофиқи мақсад мебошад.

Лоиҳаи Қонуни мазкур бо назардошти бандҳои 13, 14 ва 15 тартиби гузаронидани экспертиза зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва лоиҳаҳои онҳо арзёбии дохилидоравии зиддикорупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ гардидааст, аз арзёбии дохилидоравии зиддикорупсионӣ

гузаронида шуда, омилҳои бавуҷудовардани коррупсия ошкор карда нашудааст.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон